**НОМГӮИ ЧОРАБИНИҲОИ ТМТ БАРОИ ҲАМШИРАҲОИ ОИЛАВӢ ВА ТАҚСИМОТИ СОАТҲОИ КРЕДИТӢ (бо ҳисоби ба 200 соатҳои кредитӣ)**

| ШАКЛҲОИ МУСТАҚИЛОНАИ ТМТ<br>*(15 – 20% аз шумораи умумии саотҳои кредитӣ)* | | | |
|---|---|---|---|
| № | **Номгӯи чорабиниҳои ТМТ** | **Шумораи соатҳои кредитӣ** | **Шакли ҳисоботӣ** |
| 1. | Хондани адабиёти тиббии тавсиядодашуда (китобҳо ва китобхонаи электронӣ) | 1 соати кредитӣ | Қайдгузорӣ дар дафтари бақайдгирии чорабиниҳои ТМТ, китоби кредитии табиб: сана, мавзӯи интихобгардида, шарҳи мухтасари адабиёти тиббии хондашуда/ҳисоботи мухтасар |
| 2. | Иштирок дар вохӯриҳои намоишии гурӯҳҳои баробар | 1 соати кредитӣ ба як вохӯрии гурӯҳ, давомнокиаш на кам аз 1,5-2 соат;<br>Фасилитатори гурӯҳҳо – 1,5 соати кредитӣ;<br>Презентатори вохӯрӣ – 1,5 соати кредитӣ; | Сертификатҳои иштирокчиён бо нишондоди соати кредитӣ гирифташуда дар як сол;<br>Протоколи вохӯрӣ, баромад (аз фасилитатори гурӯҳ) |
| 3. | Омоданамоии маводҳои аёнӣ ва баромад дар назди аҳолӣ бо презентатсия оид ба пешгирии бемориҳо | 1 соати кредитӣ барои як вохӯрӣ (тибқи нақшаи тасдиқнамудаи роҳбари муассиса, 1-2 маротиба дар як моҳ, на кам аз 15 иштирокчӣ) | Маводҳои аёнӣ: брошюраҳо, презентатсияҳо, маводҳои тақсимотӣ барои аҳолӣ, пешниҳоди маълумоти мухтасар |
| 4. | Баромадҳои оид ба тибби оилавӣ дар воситаҳои ахбори омма (радио, телевизион, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва ғ.) | 0,5 соати кредитӣ дар сатҳи маҳаллӣ<br>1 соати кредитӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ | Ҳисобот/маълумоти мухтасар оид ба баромадҳо, нусхаи маҷалла ё рӯзнома |
| **ЧОРАБИНИҲОИ ТМТ, КИ БЕВОСИТА БА ТИББИ ОИЛАВӢ АЛОҚАМАНДӢ НАДОРАНД**<br>**(10 – 15% аз шумораи умумии соатҳои кредитӣ)** | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | Иштирок дар даврҳои омӯзишӣ ва ҷаласаҳое, ки бевосита ба тибби оилавӣ алоқамандӣ надоранд | 1-1,5 соати кредитӣ барои иштирок | Сертификати иштирокчӣ |
| 6. | Иштирок дар даврҳои омӯзишӣ оид ба рушди инфиродии ҳамшираи оилавӣ (саводнокии компютерӣ, семинарҳо/даврҳо оид ба менеҷмент, малакаҳои муошırати байнишахсӣ ва ғ.) | 1-1,5 соати кредитӣ барои рӯзи иштирок | Сертификати иштирокчӣ |
| 7. | Омоданамоии реферат ва баромадҳо дар чорабиниҳои табобатӣ, намоишӣ ва илмии марказҳои саломатӣ | 1 соати кредитӣ | Ҳисобот/маълумот оид ба баромад |
| **ЧОРАБИНИҲОИ ТМТ, КИ БЕВОСИТА БА ТИББИ ОИЛАВӢ АЛОҚАМАНДИ ДОРАНД (65-75% аз шумораи умумии соатҳои кредитӣ)** | | | |
| 8. | Иштирок дар семинарҳо ва ҷаласаҳо, ки бевосита ба тибби оилавӣ алоқамандӣ дорад | 3 соати кредитӣ | Сертификат, ҳисобот оид ба иштирок дар ҷамъомадҳо/ҷаласаҳо, нусхаи фармоиш (ВТ ва ҲИА, менеҷери КАТС) |
| 9. | Давраҳои такмили ихтисос ва кӯтоҳмуддати модулии давомнокиашон 10-15 рӯз | На зиёда аз 78 соатҳои кредитӣ дар 5 сол (156 соатҳои таълимӣ:2=**78** (соатҳои кредитӣ) | Шаҳодатнома ва сертификат |
| 10. | Таҳсилоти фосилавӣ оид ба тибби оилавӣ | Шумораи умумии соатҳо ба 2 тақсим мешавад | Сертификат |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 11. | Сарпарастӣ намудани 2 ҳамшираҳои оилавии ҷавон ё донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ ҳангоми таҷрибаомӯзӣ (гурӯҳ на зиёда аз 6 нафар) | 1 соати кредитӣ дар як моҳ | Фармони роҳбари КАТС, натиҷаҳои имтиҳони таҳсилгиранда |
| 12. | Гузаронидани чорабиниҳои омӯзишии амалӣ бо ҳамшираҳои оилавӣ/гурӯҳҳо | 1 соати кредитӣ дар як дарс бо давомнокии 1-1,5 соат | Ҳисобот оид ба гузаронидани натиҷаҳои омӯзиш |